*Ҷониби хуршеди азал*

*Ҳар рӯз суруди ишқ хонам*



**Саидов Саидбег Бойхонович (Саидбег Саидӣ)** 15 апрели соли 1958 дар деҳаи Пехои ноҳияи Данғара дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Баъд аз хатми шӯъбаи арабии Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон фаъолияти кориашро ҳамчун устоди забон ва адабиёти ДДТ шуруъ кардааст.

Соли 1999 рисолаи номзадиашро оид ба ҳуқуқи байналмилалӣ дар ш.Маскав дифоъ намудааст.

Солҳои 2002-2003 мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ ва солҳои 2003-2006 мудири шӯъбаи робита бо кишварҳои хориҷии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Солҳои 2006-2008 Сафири Тоҷикистон дар Покистон буд ва аз соли 2008 то имрӯз Сафорати Тоҷикистонро дар Ҳиндустон роҳбарӣ мекунад.

«Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Ду маҷмӯаи шеърҳояш «Накҳати Кашмир» («Адиб», 2010) ва «Замзамаҳои Ҳиндустон» («Адиб», 2012) нашр шудаанд.

САИДБЕГ САИДӢ

# МОҲИ ХАТЛОН



Душанбе
«Маориф ва фарҳанг»
2013

ББК 84 Тоҷик 7-5
С-67

Муҳаррир *Раҳмат Назрӣ*

С-67 **Саидбег Саидӣ. Моҳи Хатлон.** (маҷмӯаи ашъор). – Душанбе, «Маориф ва фарҳанг» 2013, 88 саҳ.

Шоири хушсалиқа Саидбег Саидӣ дар маҷмӯаи нави ашъораш, ки ҳоло шумо дар даст доред, аз меҳри беандоза нисбати Ватан, обу хоки диёр, нигаҳдошти мероси аҷдодӣ ва ишқи поки беолоиш сухан мегӯяд.

ISBN 978-99947-2-184-9

© Саидбег Саидӣ, 2013
© «Маориф ва фарҳанг», 2013

## БА ҶОИ МУҚАДДИМА

Ҳикояти мову тоҷикон ҳикояти хонадони бобоии мост. Ҳикояти реша асту асл асту асолат. Ҳикояти мову тоҷикон ҳикояти шеър ҳасту суруд ҳасту нур ҳасту рӯшноӣ. Ҳикояти дӯстиҳои ҷовидон ва рафоқатҳои дерина аст. Ҳикояти мову тоҷикон ҳикояти ягонагии забони форсию дарию тоҷикист, ки ҳар се аз як сарчашмаи зулол об нӯшидаанд. Ҳикояти мо эрониён ва тоҷикон ҳикояти ягона аст, ҳикоятест ба дарознои таърих ва саршор аст аз ширинию ҳаловату хотираву меҳрубонӣ.

Бояд бошӣ ва зиндагӣ кунӣ бо тоҷикон ва пои зулолии дилашон бинишинӣ ва бар суфраи бериёяшон меҳмон шавӣ, то дарёбӣ, ки дар хонаи бародару хоҳар ва амаку тағо ва модаркалону падаркалони худ меҳмон шудаӣ. Онҳо бериётарин ва софтарин ва зулолтарин мардуми дунёянд. Дар дили онҳо кинаву душманӣ ҷой надорад. Якоякашон ғазалҳо ва дубайтиҳое ҳастанд шуниданӣ бо мазмуни равшани дӯстӣ. Ва аз ин рӯст, ки ҳамвора тоҷикон дар қалби мо эрониён ҷой доштаанд ва ҳамвора чун тоҷи сари худ онҳоро азиз доштаем. Тоҷикон аз асилтарин мардумони порсинажоданд, ки порсоию ишқу шӯру мастию дурустию ростиро ин ҳама қарнҳо пос доштаанд.

Ба поси ошноии чандсола бо шоири ин дафтар - ҷаноби доктор Саидбег Саидӣ ва бериёиҳо ва самимиятҳояш ва бо хотироти хуши рӯзҳо ва шабҳои Деҳлии Нав ва Анҷумани адабии Бедил, ки ҷаноби эшон худ аз аъзои фаъолу бериёи он буданд, ашъори ин дафтарро борҳову борҳо ба ҳам наҷво кардем ва аз лобалои лаҳҷаи ширини тоҷикии он бисёр то бисёр суханони неку зулолро хондему шунидем. Нишон ба он нишоне, ки бисёре аз ин ашъор дар Анҷумани адабии Бедил дар Деҳлии Нав аз забони шоираш шунида шуд ва инак худойро сипосгузорем, ки ҳамаи ин шеърҳо дар дафтаре бо номи “Моҳи Хатлон” гирд омадааст.

Бо дуое аз жарфнои ҷон барои ободии Тоҷикистону Эрон ин муқаддимаи кӯтоҳро ба поён мебарам ва орзу мекунам, ки ҳамвора пули дӯстии ду миллати бародар мустаҳкам бошад ва ҳамвора байни мо ва тоҷикон насиме аз шодмонию меҳрубонию шӯру шеър дар ҳоли вазидан бошад. Ба ҳаққи Муҳаммад (с) ва Оли Муҳаммад, омин.

***Алиризо Қазва,***
*Деҳлии Нав*

# И Н   Д А В Л А Т И   С О М О Н Ӣ

Эй душмани раҳмонӣ, бебаҳра зи виҷдонӣ,
Бо хислати шайтонӣ, вайронгари инсонӣ.

Эй рӯбаҳаки маккор, ҳастӣ ту басе ғаддор,
Тоҷик бувад чун шер, ту душмани шеронӣ.

Гуфтӣ, ки яке суғдӣ, дигар бувад аз Хатлон,
Аз ваҳдати тоҷикон ту ҳеҷ намедонӣ.

Фархорию ғармӣ ҳам ҳамзоди Зарафшонанд,
Моем ҳама яктан суғдию бадахшонӣ.

То чанд кунӣ такрор он шеваву он рафтор,
Шармет намеояд аз он ҳама қурбонӣ.

Бо ин ҳама заҳҳокӣ, бо зиштию нопокӣ,
Оё ту аз ин хокӣ? Ин аст мусулмонӣ?!

Он рӯз ҳама буданд дилхаставу бишкаста,
Имрӯз ҳама ҳастанд дар амну фаровонӣ.

Бо лутфи худовандӣ сулҳ аст дар ин сомон,
Ҳар рӯз ба сомон бод ин давлати Сомонӣ.

*ш. Деҳлӣ,*
*21.07.2011.*

## ВАТАНДОР

Ватанро дӯст медорам,
Ба хокаш саҷда меорам,
Ватан – дунёву асрорам,
Ватандорам, ватандорам.

Ватан бошад ҳаёти ман,
Ҳаёти пурнишоти ман,
Зи ҳар офат наҷоти ман,
Ватандорам, ватандорам.

Ватан бошад пару болам,
Ватан – илҳому иқболам,
Манам хушбахт дар олам,
Ватандорам, ватандорам.

Ватан сӯзам, ватан созам,
Ватан – анҷому оғозам,
Баланд ин ҷост овозам,
Ватандорам, ватандорам!

## КАШМИР

Рафтам ба сӯи Кашмир бо орзуи ҷонон,
Аз ҷилваҳои зебо шуд чашми ақл ҳайрон.

Ҳар сӯ нигоҳ кардам, сарсабз буду пургул,
Дилҳо ҳама шукуфта, лабҳо тамом хандон.

Ҳар чашмро, ки дидем, чун чашми ҳуриён буд,
Ҳар чеҳра медурахшид чун офтоби тобон.

Аз табъи завқам он ҷо шеъри равон равон буд,
Шеъри зулолу рӯшан чун оби чашмасорон.

Ҳар рӯдро дар он ҷо ҳамчун ғизол дидам,
Мерафт сӯи ҳомун гаҳ тунду гаҳ хиромон.

Ҳар даштро, ки дидам, ғарқи санавбарон буд,
Ҳар пуштаро, ки дидам, буд боғи гул ба домон.

Кӯҳе, ки сар кашида дар осмони Кашмир,
Тоҷи зумуриддин аст бар тораки Сулаймон.

Эрони хурд он ҷост бо хулқу хӯи тоҷик,
Мири Кабир омад, шуд сарзамини ирфон.

Дарёчаест зебо, обаш бувад мусаффо,
Аз софии замираш рӯят аз он намоён.

Ҳар шому ҳар саҳаргаҳ дил пар кашад ба он сӯ,
Ҷони Саидӣ он ҷост дар орзуи ҷонон.

*Ҳиндустон, Кашмир, Сунмарг*
*12.07.2011.*

## ТАРОНАИ КАШМИР

Зебоназарӣ, Кашмир! Пеши назарӣ, Кашмир!
Бо накҳати рӯҳафзо сарсабзу тарӣ, Кашмир!

Зебонигарӣ, Кашмир, баҳри башарӣ, Кашмир!
Равшандилу равшанҷон, шамсу қамарӣ, Кашмир!

Дар кӯҳи Ҳимолойӣ ҳамсилсилаи Помир,
Бо қуллаи испедат ганҷу гуҳарӣ, Кашмир!

Ин сарву санавбарҳо – шуд зинату зеби ту,
Зебоназарӣ, Кашмир, зеби сафарӣ, Кашмир!

Чун Омуву чун Вахш аст дарёчаи зебоят,
Зебонигарӣ, Кашмир, кӯҳу камарӣ, Кашмир!

Ин кӯҳу талат дилкаш, ин кӯли Далат дилкаш,
Обат ҳама чун Кавсар, ширу шакарӣ, Кашмир!

Зебоии гулрӯён карда дили мо тасхир,
Ҷонбахшу ҷаҳонбахшӣ, ҷону ҷигарӣ, Кашмир!

## ОШИҚИ КАШМИР

Бо Амири Ҳамадон ҷониби Кашмир шудам,
Омада масҷиди Ҷомеъ, паи такбир шудам.

Мисли Шоҳи Ҳамадон гирди ҷаҳон гардидам,
То ки аз хеш бурун рафта, ҷаҳонгир шудам.

Он қадар бол задам ҷониби хуршеди азал,
То раҳо аз қафаси бастаи тақдир шудам.

Солҳо пайравии пири тариқат кардам,
То ки дар мазҳаби худ пухта шудам, пир шудам.

Ҳар чӣ дидам, ҳамагӣ дарду ғами мардум буд,
Дардро дидаму аз ҷони худам сер шудам.

Шукру сад шукр, ки ин гуна дилам дар паи туст,
Шукру сад шукр, ки ин гуна фарогир шудам.

Як-ду рӯзе зи паят орифу ошиқ гаштам,
Як-ду рӯзе зи паят ҷониби Аҷмир шудам.

Дили кӯлобии ман ошиқи Кашмири ту буд,
Бо Амири Ҳамадон ҷониби Кашмир шудам.

## ТОҶМАҲАЛ

Дар лаби баҳри калон Тоҷмаҳал,
Беҳтарин ҷои ҷаҳон Тоҷмаҳал.

Ҳама зебову мунаққаш бошад,
Ҳама покизаву дилкаш бошад.

Гулу гулзор ҳама атрофаш,
Қалам оҷиз шуда дар авсофаш.

То гиреҳ аз дили худ бикшоянд,
Аз ҳама сӯи ҷаҳон меоянд.

Ҳама фаввораву фаввора баланд,
Мешавад бахти ту ҳамвора баланд.

Асрҳо бурда ба сар Тоҷмаҳал,
Фахри исломи башар Тоҷмаҳал!

# Т Ӯ Т И И  Ҳ И Н Д

Як тӯтии ҳинд бар дарахт аст,
Бисёр салом мерасонад.

Мехоҳад, чанд сатр матлаб
Дар бораи одамӣ бидонад,

Мехоҳад рӯи барги шоха,
Шеъре бинависаду бихонад.

Ман мегӯям, Худо нигаҳдор!
Ӯ низ салом мерасонад.

*ш. Деҳлӣ*
*25.10.2012*.

## С У Б Ҳ И  Ф А Р В А Р Д И Н

Субҳи фарвардин биё, ёд аз баҳори худ кунем,
Як-ду рӯзе зиндагӣ дар рӯзгори худ кунем.

Мо ҳама тоҷикиёнем, эй бародарҷон, биё,
Бори дигар такя бар аслу табори худ кунем.

Меҳрубониро, биё, як бори дигар ёд кун,
Ҳам нисори дигарону ҳам нисори худ кунем.

Боғи мо боғи биҳишт аст, эй азизи ман, биё,
Ёде аз себу анори обдори худ кунем.

Мо шикори душманони Тоҷикистон кай шавем,
Душмани тоҷикҳоро мо шикори худ кунем.

Як-ду рӯзе пештар аз марг бояд зинда шуд,
Як-ду рӯзе гиря бар санги мазори худ кунем.

*ш. Деҳлӣ*
*25.10.2012.*

## БИЁ

Бархезу наздам биё, эй дилбари нозанин,
Ранги рухамро нигар, дарди диламро бубин.

Дилтанги рӯят шудам, побанди мӯят шудам,
Маҷнуни рӯят шудам, эй Лайлии маҳҷабин.

Ҳамвора меҷӯямат, эй гавҳари бебаҳо,
Пайваста мехонамат, эй луъбати дилнишин.

Дар осмони хаёл, эй луълуи бемисол,
Ҳар шом мебинамат, эй моҳи болонишин.

Дар Ҳинди афсонавӣ гавҳар бувад бешумор,
Аммо нигоҳи ту ҳаст тоҷи сарамро нигин.

Оварда боди сабо атри туро сӯи ман,
То шодмонам кунад бӯят дар ин сарзамин.

Мехоҳам аз Кирдгор бо ҷони уммедвор,
Аз дасти ин рӯзгор ҳаргиз набошӣ ҳазин.

Ид асту идӣ туӣ, ҷони Саидӣ туӣ,
Дар ишқи ту содиқам то лаҳзаи вопасин.

*ш. Деҳлӣ*
*18.07.2011.*

## ЁРИ НАМАНГОНӢ

Эй ёри намангонӣ, ту навгули хандонӣ,
Аз дард чӣ мефаҳмӣ в-аз ишқ чӣ медонӣ?

Ман дар паи биноӣ, ту ғарқи худороӣ,
Ман шеъру ғазал гуфтам, ту шеър намехонӣ.

Аз ту на паём омад, на ному нишон омад,
На ҳарфу баён омад, ман монда ба ҳайронӣ.

Ту дил ба касе додӣ, бар булҳавасе додӣ,
Гавҳар ба хасе додӣ, ҳаммаслаки турконӣ.

Эй Зуҳраи зебоӣ, дар аҳд намепоӣ,
Гар қадри маро донӣ, боз ой ба меҳмонӣ.

Ман ошиқи хатлонӣ, аз дудаи Сомонӣ,
Дар ишқи туям, ҷоно, омодаи қурбонӣ!

*ш. Деҳлӣ*
*18.07.2011.*

## ШОД ОМАДӢ, ХУШ ОМАДӢ

*Эҳдо ба ҳамсари меҳрубонам*

Эй ҷони ман, ҷонони ман, шод омадӣ, хуш омадӣ,
Эй булбули хушхони ман, шод омадӣ, хуш омадӣ.

Бе ту кашидаам сад азоб, ҳам бекабобу бешароб,
Аз чашми ман дур аст хоб, шод омадӣ, хуш омадӣ.

Аз асли худ бегонаам, бе меҳмон дар хонаам,
Равшан набуд кошонаам, шод омадӣ, хуш омадӣ.

Эй нағмаи сетори ман, эй машъали дидори ман,
Эй савсани бехори ман, шод омадӣ, хуш омадӣ.

Кардам талоши ту басо, эй боли қоши ту расо,
Ҷонам нисорат, гулнисо, шод омадӣ, хуш омадӣ.

Ман бандаи уммедвор, дорам мадад аз Кирдгор,
Ҳастам туро ман дӯстдор, шод омадӣ, хуш омадӣ.

Будам ғарибу нотавон дар гармии Ҳиндустон,
Кардӣ Саидиро ҷавон, шод омадӣ, хуш омадӣ.

*ш. Деҳлӣ*
*15.07.2011.*

## Ф А Р Х У Н Д А М А Р Д

*Ба профессор Худойназар Асозода*

Устоду аҳли фазлӣ, доноию баэҳсон,
Шодам аз он, ки гаштӣ дар мулки Ҳинд меҳмон.

Осори аҳли дониш умре ту карда таҳқиқ,
Худ ҳам бигашта охир аз ҷумлаи бузургон.

Аз Рӯдакию Айнӣ то Содиқи Ҳидоят
Тадқиқ кардаӣ, эй фархундамарди Хатлон.

Заҳмат кашидаӣ бас дар роҳи илму дониш,
Фарзандҳо батолеъ, шогирдҳо фаровон.

Дорӣ, Асозода, ту, ҷону дили сода ту,
Ҳам чеҳраи кушода, ҳам ҷони пур зи ирфон.

Кардӣ суроғи Бедил, дидӣ ту Боғи Бедил,
Аз баъди ин Саидӣ умре турост пазмон.

*ш. Деҳлии Нав,*
*01.02.2011.*

## К Ӯ Ҳ И  С И Ё Ҳ

Ту баланду сияҳӣ, Кӯҳи сиёҳ,
Ту аҷаб каҷкулаҳӣ, Кӯҳи сиёҳ.

Ту ки дар пеши манӣ шому саҳар,
Ҳама зеби нигаҳӣ, Кӯҳи сиёҳ.

Ҳар куҷое, ки равам ман ба сафар,
Ту дуогӯи раҳӣ, Кӯҳи сиёҳ.

Ҳама сӯям ба сафар баҳри Ватан,
Ту маро қиблагаҳӣ, Кӯҳи сиёҳ

Аз ту то Вахш бигирад ҷараён,
Сипарию сипаҳӣ, Кӯҳи сиёҳ.

Сангтӯдаст[1] ба Сангистонат,
Рашки хуршеду маҳӣ, Кӯҳи сиёҳ.

Баъд аз ин шод шавем аз нурат,
Ватани нерӯгаҳӣ, Кӯҳи сиёҳ.

*05.12.2010.*

---

[1] НОБ-и Сангтӯда-2 дар назар аст.

## Н А С И Ҳ А Т

***Ба писарам Баҳодур***

Мебош баному меҳромӯз,
То битвонӣ, ту илм андӯз,

Илме, ки ба ту барор орад,
Ҳам баҳраи бешумор орад.

Омӯз раҳи ватанпарастӣ
Аз сидқ ту бо тамоми ҳастӣ.

Имрӯз, ки солиму ҷавонӣ,
Меҷӯй тариқи ҷовидонӣ,

Зеро ту наводаи Курушӣ,
Бояд ки як Ориё бикӯшӣ.

Аз наслу нажоди сарфарозӣ
Бояд зи нав Осиё бисозӣ.

## ШОИРӢ ПЕША КАРДАМ

Бо меҳр шеър гӯям бо сад ҳазор уммед,
Бо шеър хонаи ман дорад ҳазор хуршед.

Хоҳам дуои Бедил дар кишвари фасона,
Фикрам ба шеър банд аст дар коргоҳу хона.

Фарзанди Осиёям, бо рӯҳи осиёӣ,
Як ошиқи ҷаҳонгард, як шоири зиёӣ.

Дур аз Ватан ҳамеша, аммо ватанпарастам,
Дар фикри кишвари худ, ёрон, ҳамеша ҳастам.

Хуб аст, иншоаллоҳ, тақдири Тоҷикистон,
Рӯзе расад ба дунё таъсири Тоҷикистон.

Дорӣ, аё Саидӣ, то шоирӣ ту пеша,
Дар ин раҳи муқаддас содиқ бимон ҳамеша.

*ш. Деҳлии Нав,*
*13.12.2010.*

## ХУШОВОЗ

Эй ҳофизи хушовоз, шеъри дигар биоғоз,
То рӯҳи ошиқонро боз оварӣ ба парвоз.

Булбул таронахон шуд дар рӯи шохсорон,
Имрӯз кӯчаҳоро пур карда созу овоз.

Эй мутриби хушовоз, ғамро ҷудо кун аз мо,
Шеъри дубора сар кун, сози дубора бинвоз.

Бо шеърҳои Хайём рафтем то Нишопур,
Бо шеърҳои Ҳофиз моро бибар ба Шероз.

Хуррам дари дилатро бикшо ба рӯи ошиқ,
Саршор аз гулам кун мисли баҳори Дарвоз.

Овардаӣ бароям ту туҳфаи фаровон,
Дастат пур аст аз гул, чашмат пур аст аз ноз.

Ҳар шеъри тозаи ту ҷонро ҳаёт бахшад,
Эй ҳофизи хушовоз, шӯри дигар биоғоз!

*ш. Деҳлии Нав,*
*13.03.2012*

## Н А В Р Ӯ З

Дил тоза бибояд кард дар мавсими наврӯзӣ,
Саҳро ҳама пургул шуд бо санъати гулдӯзӣ.

Лабханд бизан, эй дил, ҳангоми баҳор омад,
Сар кун шабу рӯзатро бо шодию беҳрӯзӣ.

Эй ҷон, ту чаро аз худ гоме назадӣ берун?
Эй дил, ту чаро имрӯз аз дард намесӯзӣ?

Айёми баҳор омад, ҳангомаи кор омад,
Ку нони ҳалоли ту? Биштоб паи рӯзӣ!

Дар мактаби фарвардин таҳсили шукуфтан бин,
То дарси сарафрозӣ аз сарв биомӯзӣ.

Меҳрат ба замин андоз, то сабз шавӣ з-оғоз,
То қалби ту во гардад, то ишқ биандӯзӣ.

Аз оташи ин гулҳо, сармо сипарӣ гардид,
Дил тоза кунед имрӯз дар мавсими пирӯзӣ.

*Шринагар, Кашмир*
*13.03.2012.*

## АНҶУМАНИ БЕДИЛ

Имшаб ғазале гуфтам дар анҷумани Бедил,
Биншаст ба ҷони ман атри сухани Бедил.

Рафтам ба мазори ӯ, то фотиҳае хонам,
Он хок нишоне дошт аз ҷону тани Бедил.

Деҳлӣ пури гул гашта бо ҳар ғазали нағзаш,
Лабрез зи гул бодо боғу чамани Бедил.

Ҳар барги сапедеро бинӣ чу ғазал дар он,
Дар чашми ману ёрон бошад кафани Бедил.

Дар Ҳинд, ки бӯи хуш аз дашту даман ояд,
Бошад ҳама бӯяш аз дашту дамани Бедил.

Тоҷикию эронӣ, афғонию ҳиндӣ ҳам,
Ҳар ҷо ки раванд, он ҷо бошад ватани Бедил.

## Г У Л Б О Н Г И   Б У Л Б У Л

***Ба Ҳунарманди мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатманди Хол***

Давлатманди давлатманд, бо овози дилписанд,
Дар Турону дар Эрон, шуҳратмандӣ, шуҳратманд.

Ширин мекунӣ ово, бо карнову бо сурно,
Мафтуни овози ту бенавою сарватманд.

Танбӯр дар дастонат мегиряд ё мерақсад?
Овозҳо мехонӣ бо гиряву бо лабханд.

Бонги рубобат зебост, фарёди ту аз куҷост?
Дилҳои мо мардумро бо арш додӣ пайванд.

Дилҳоро мегудозӣ, ғиҷҷак чу менавозӣ,
Гулбонги арш дорӣ бо он овози баланд.

То менавозӣ дутор, дил мешавад беқарор,
Овози ту дилпазир, мусиқиат дилписанд.

Агар занӣ ту сетор, асабҳо гирад қарор,
Ҷонҳо шавад шодмон, дилҳо шавад сиҳатманд.

Дар оҳанги дилнавоз раққоса рақсад ба ноз,
Ишқи нав гардад оғоз аз Хуталон то Хуҷанд.

Фалаки даштӣ хонад, дилбари Раштӣ донад
Аз ҳофизи кӯлобӣ Тоҷикистон сарбаланд.

Сароянда мардумӣ, раққосаҳо гандумӣ,
Куртачакан мерақсад бо садои Давлатманд.

## САЛОМИ ТУ КУҶО ШУД?

Эй марди мусулмон, саломи ту куҷо шуд?
Эй бандаи Раҳмон, саломи ту куҷо шуд?

Умре шумарӣ хеш намозию намоён,
Бошӣ ту баимон, саломи ту куҷо шуд?

Тоҷик набуд ҳеҷ бадахлоқу бадаъмол,
Эй дудаи Сомон, саломи ту куҷо шуд?

Аз хонаю донишгаҳу мактаб чӣ гирифтӣ,
Эй дур зи ирфон, саломи ту куҷо шуд?

Гумроҳ туӣ, аз ту малул аст Саидӣ,
Эй пайрави шайтон, саломи ту куҷо шуд?

*ш. Деҳлии Нав,*
*20.12.2010.*

## ҶОНИ ШИРИНАМ, БИЁ!

Дар раҳи ту интизорам, ҷони ширинам, биё!
Ман ба дидори ту зорам, ҷони ширинам, биё!

Бар мани дилдода ҳастӣ аз ҳама наздиктар,
Тоқати дурӣ надорам, ҷони ширинам, биё!

Вақти гуфтор аз лабонат мечакад шаҳду шакар,
Лаззати гуфтугузорам, ҷони ширинам, биё!

Резад аз рухсори ҳамранги чароғат нури меҳр,
Бе ту дар дунёи торам, ҷони ширинам, биё!

Бе ту айёми хазони ҳастии ман мерасад,
Эй баҳори рӯзгорам, ҷони ширинам, биё!

# ГУМРОҲ

Ҳар чӣ бо мо кард, эй ҳамдардҳо, он ошно кард,
Ақраборо дур карду душманонро ҷобаҷо кард.

Дастбардастанд бо ӯ чоплусони тамаъкор,
Хешу пайванду ҷигарбандони худро пеши по кард.

Фарқ натавонист кард ӯ дӯстро аз душман асло,
Дӯстонро зери пою душманонро бар само кард.

Ӯ адӯвонро набитвонист як ҳарфе бигӯяд,
Нақс агар аз дӯст пайдо кард, айбу муддао кард.

Фарқ натвонист кард Аҳриману Заҳҳок ҳаргиз,
Чунки Заҳҳок аз парастиш Аҳриманҳоро ҷудо кард.

Рӯҳу арвоҳи ниёгонро ҳаме ранҷонд бисёр,
Назди хешовандҳо бисёр ӯ кори хато кард.

Эй Саидӣ, бо насиҳат бозгардонаш зи ғафлат,
Рӯи мансаб омаду бисёр ноҳақ корҳо кард.

# МЕҲМОН ШУДАМ

Эй парӣ, аз ишқи ту бисёр саргардон шудам,
Дар баҳорон пеши ту ман булбули хушхон шудам.

Лаҳзае хоҳам, ки бинам ҳусни зебои туро,
Аз қафоят ман ба мисли сояат сарсон шудам.

Гар бубинам гоҳу гаҳ як бор рӯи хуби ту,
Аз давиданҳои ту, эй нозанин, ҳайрон шудам.

Сурма бар абрӯ кашида, ҷабр бар мо кардаӣ,
Аз ғаму андӯҳи ту ман рӯзу шаб нолон шудам.

Аз чӣ бошад, ки наоӣ ҳеҷ дар паҳлӯи ман,
З-ин рамиданҳои ту ман оқибат қурбон шудам.

Ман надорам орзуе ҷуз ғами дидори ту,
Дилбарам, дидам ба хобу пеши ту меҳмон шудам.

Оҳ, ҷононам, Саидиро қабули лутф кун,
З-он ки ман дар ишқи ту безори худ аз ҷон шудам.

## ТАНҲО БИМОНАМ

Эй ёри азизу меҳрубонам,
Номи ту ҳамеша бар забонам.

Он ҳусну малоҳате, ки дорӣ,
Тасвир варо наметавонам.

Аз хотири он ки наздам оӣ,
Ҳар рӯз суруди ишқ хонам.

Як рӯз агар туро набинам,
Ояд ба лаб аз гудоз ҷонам.

Як лаҳза агар шавӣ зи ман дур,
Сӯзад ҳама мағзи устухонам.

Доруи дили лаболаб аз дард,
Ҳастӣ ту, табиби роздонам.

Эй ёр, биё, тараҳҳуме кун,
Мебахш тавон, ки нотавонам.

Ҳиҷрони маро агар кунӣ васл,
Як умр ҳама ҷавон бимонам.

# МОҲИ ХАТЛОН

Мелоди ту ғарқи гул, эй моҳи Хатлонзамин,
Дар ҳалқаи ошиқон ҳастӣ ту ҳамчун нигин.

Эй ҳусни ту синасӯз, дар ҳалқаи мо биё,
Эй нури чашми ҷаҳон, бар дидаи мо нишин.

Зеботарӣ аз ҳама дар чашми мо, эй санам,
Раъноию дилписанд, зебоию маҳҷабин.

Пироҳанат ғарқи гул, гесӯи ту ҳалқадор,
Ороми ҷони ҳама, шодии қалби ҳазин.

Эй чашмҳоят пур аз лабханду гармию нур,
Оташ ба қалбам мазан бо дидаи оташин.

Бо лаҳҷаи тоҷикӣ, бо шеваи ошиқӣ,
Бо мо сухан соз кун, эй суҳбатат дилнишин.

Дар Ҳинд шуд фахри мо зебоии ин санам,
Ин меҳри хатлоннажод, ин моҳи тоҷикнишин.

## ШОИРИ НАВЭҶОД

Ман шоири навэҷод, бо шеър гоҳ-гоҳе,
Ифшои роз гӯям, ин аст аҷиб роҳе.

Он ёри гулшамоил созам ба шеър қоил,
Шояд, ки бори дигар бар ман кунад нигоҳе.

Ман рӯи маҳҷабинам ҳар гаҳ агар бубинам,
Он лаҳза мешуморам худро шабеҳи шоҳе.

Гар хандае намояд он ёри нозанинам,
Бахтам сафед гардад аз гесӯи сиёҳе.

Чашмони сип-сиёҳаш девона карда моро,
Ҳар гаҳ бубинам онро, аз дил барорам оҳе,

Гӯяд, ки масти мастӣ, овораам чӣ созӣ?
Тасдиқ агар насозӣ, овар ба ман гувоҳе.

Ёрат, Саидӣ, аз чӣ бовар ба ту надорад,
Оё ту пеши он гул дорӣ ягон гуноҳе?

*Соли 1978*

## Г У Р Д О Ф А Р И Д И  Д А В Р О Н

***Эҳдо ба варзишгари номӣ, барандаи***
***ҷоизаи бозиҳои олимпии “Лондон-2012”***
***Мавзуна Чориева***

Мавзунаи диловар, варзишгари кабирӣ,
Байни занони олам ту беҳтарин сафирӣ.

Гурдофариди даврон, ҳамвора сарбаландӣ,
Дар қудрату матонат ҳаққо, ки беназирӣ.

Эй мушти ту чу пӯлод, чун кӯҳ устуворӣ,
Дар қудрату шуҷоат ҳамчун падар далерӣ.

Эй парчами далерӣ, бояд ливои миллат
Болотар аз сари худ дигар ба даст гирӣ.

Бояд дубора аз нав фатҳи дигар намоӣ,
Эй он ки рӯзи майдон чолок мисли шерӣ.

Эй зодгоҳи покат дар сарзамини Хатлон
Байни занони тоҷик имрӯз ту амирӣ.

Имрӯз номи зебот вирди забони халқ аст,
Ҳам дар Ватан бузургӣ, ҳам дар ҷаҳон шаҳирӣ.

*ш. Деҳлӣ*
*20.08.2012.*

# ТОҶИКИСТОН

Душанбе пойтахти тоҷикон аст,
Ба зебоӣ на кам аз бӯстон аст.

Дарахтон сӯи гардун сар кашида,
Ба зери ҳар яке ҷӯе равон аст.

Ба болои сари зебоарӯсон
Шабеҳи чатри ҳиндӣ соябон аст.

Ниҳон дар шохсораш андалебон,
Валекин хониши онҳо аён аст.

Касе ин булбули хушхон бубинад,
Ба худ гӯяд, ки шоҳи ошиқон аст.

Барои дидани ёри азизаш
Гаҳе масруру гоҳе дар фиғон аст.

Шукуфтанҳои гул хоҳад бубинад,
Ки армонаш ҳамин асту ҳамон аст.

Табассум карда хонад шеъри навро,
Бигӯяд ин биҳишти тоҷикон аст.

*Соли 1978*

## БОҒБОНИ ҶОНИ МО

Магзор, то бо дурият ғамҳои дил сангин шавад,
Ин шамъро хомуш макун, то хотирам таскин шавад.

Имшаб чароғи хонаро, равшан кун, эй парвонаам,
Бигзор, бо лабханди ту дунёи ман рангин шавад.

Ободии ин хокро имшаб дуое кардаам,
Ин сар расад то осмон, гар қисматам омин шавад.

Эй ту баҳори хуррамам, огаҳ зи шодию ғамам,
Магзор бо дасти хазон, ин лолаҳо гулчин шавад.

Бонги Камолу Рӯдакӣ гул мекунад дар ҷони ман,
Аз ҷониби шерозиён шеърам агар таҳсин шавад.

Эй боғбони ҷони мо, дар кӯи тоҷикон биё,
Хоки маро обод кун, то рашки Ҳинду Чин шавад.

# МОҲИ ПОКИ ОСМОН

Эй моҳи поки осмон, дар ишқи ту гаштам хазон,
Бархезу наздикам биё, эй булбули ширинзабон!

Осудаам кун як даме, ҷуз ту надорам ҳамдаме,
Андӯҳи ман афзун шавад, гар ту набошӣ дар миён.

Он ҳусни оламгири ту дармон диҳад
бар дарди ман,
Дар васфи ту гӯям сухан, такрор созам бар забон.

Гӯям, ки он ёрам чӣ шуд, дунёи асрорам чӣ шуд,
Он нахли бехорам чӣ шуд, бо шеър медорам баён.

Инак, ки дурӣ аз барам, гӯям, ки эй тоҷи сарам,
Пайваста ҳастӣ ахтарам ҳар ними шаб
дар Каҳкашон.

Бо ишқу бо меҳри Ватан, дур аз ту мондам солиён,
Ҷонам ба лаб омад дигар,
худро ба назди ман расон.

Роҳи дигар оғоз шуд, сад роҳи баста боз шуд,
Бо халқи ҳинду як шудем, гаштем машҳури ҷаҳон.

## БОҒИ БОБО

Боғи бобо калон аст,
Дар дараи Поён аст.

Ангуру себу анор
Дар он ҷо фаровон аст.

Паси ҳар буттаву барг
Меваҳояш ниҳон аст.

Гелосу зардолуяш
Роҳат ба ҷисму ҷон аст.

Ба бобоям ошно
Ҳама хурду калон аст.

Бобои номдорам
Фахри Тоҷикистон аст.

## НАҒМАИ ДУТОР

Ин ёри ман меравад,
Ғамхори ман меравад.
Аз кишвари Ҳиндустон
Дилдори ман меравад.

Душанбе равад ёрам,
Шабу рӯз интизорам.
Худо тезтар баргардад
Ин нағмаи дуторам.

Ёрам равад Данғара,
Ба сӯи Хами Қара.
Аз падари меҳрубон
Туҳфааш оҳубара.

*ш. Деҳлии Нав*
*29.04.2011.*

## А Х Т А Р И   М А Н

***Ба духтарам Умеда***

Духтари ман Умеда,
Ахтари ман Умеда,
Нишоти ман Умеда,
Наботи ман Умеда.

Умеда меҳрубон аст,
Баҳори хонадон аст.
Дар ҳама кори хона
Доим ёрирасон аст.

Умедаҷон дар мактаб
Бошад доим боадаб.
Хубу аъло мехонад,
Ҳама чизро медонад.

Баҳо гирад панҷу чор,
Мукофотҳояш бисёр.
Ҳамеша дар ҷаҳон бод
Худо ӯро нигаҳдор!

*ш. Деҳлии Нав,*
*09.12.2010.*

## ЁДИ ДИЁР

Омадам Деҳлию дилгир шудам,
Дигар аз зиндагиям сер шудам.
Шодмонӣ ба дилам рӯ овард,
Ҷониби Ҷаммуву Кашмир шудам.

Омадам Деҳлию дилгир шудам,
Бо ғаму ғуссаи худ пир шудам.
Меҳри Кашмир ба ҷонам тобид,
Рӯшан аз маърифати Мир шудам.

Омадам Деҳлию дилгир шудам,
Дар фироқи ватанам пир шудам.
Аз сари кӯҳи Ҳимолой охир
Сӯи Помир сарозер шудам.

*Ҳиндустон, Кашмир, Сунмарг*
*22.07.2011.*

## ОРОМГОҲИ БЕДИЛ

Илҳомбахши шеърам обу гили ту бошад,
Зеботарин маконҳо ин манзили ту бошад.
Ин манзили муқаддас ҷои зиёрати мост,
Ошиқтарини дилҳо ин дил, дили ту бошад.

## РУБОӢ

Эй модари ҷон, чаро ту аз ман дурӣ,
Эй ахтари ман, барои ман чун нурӣ.
Кардам сафари Ҳинду бигаштем ҷудо,
Эй гавҳари ман, макаш ғами маҳҷурӣ.

# ДУБАЙТИҲО

* * *

Ало ёрам, баҳори бехазонӣ,
Ту бо ман ҳастию доим ҷавонӣ.
Ҳамон рӯзе, ки аз ман дур гардӣ,
Равад аз ту ҷавонӣ, худ надонӣ.

* * *

Аҷаб дилбар қади дилҷӯят, эй маҳ,
Муаттар шоми ман аз бӯят, эй маҳ!
Агарчи доштам ёри дигар ман,
Будам умре ба ёди рӯят, эй маҳ!

* * *

Шудам ошиқ ба моҳи рӯят, эй гул,
Ба шабгун зулфи мушкинбӯят, эй гул.
Дареғо, дур ҳастам аз барат ман,
Сияҳ шуд рӯзи ман чун мӯят, эй гул.

* * *

Илоҳӣ, рӯзгорам соз гардон,
Саранҷомам пур аз оғоз гардон.
Агар рафтам ба роҳе ҷуз раҳи ту,
Маро охир суи худ боз гардон.

# М У Н Д А Р И Ҷ А


Ба ҷои муқаддима ........................................ 5
Ватандор ........................................ 7
Ин давлати Сомонӣ ........................................ 8
Кашмир ........................................ 9
Таронаи Кашмир ........................................ 10
Ошиқи Кашмир ........................................ 11
Тоҷмаҳал ........................................ 12
Тӯтии Ҳинд ........................................ 13
Субҳи фарвардин ........................................ 14
Биё ........................................ 15
Ёри намангонӣ ........................................ 16
Шод омадӣ, хуш омадӣ! ........................................ 17
Фархундамард ........................................ 18
Кӯҳи сиёҳ ........................................ 19
Насиҳат ........................................ 20
Шоирӣ пеша кардам ........................................ 21
Хушовоз ........................................ 22
Наврӯз ........................................ 23
Анҷумани Бедил ........................................ 24
Гулбонги булбул ........................................ 25
Саломи ту куҷо шуд? ........................................ 26
Ҷони ширинам, биё! ........................................ 27
Гумроҳ ........................................ 28
Меҳмон шудам ........................................ 29
Танҳо бимонам ........................................ 30
Моҳи Хатлон ........................................ 31
Шоири навэҷод ........................................ 32

Гурдофариди даврон .......................................... 33
Тоҷикистон .................................................. 34
Боғбони ҷони мо .............................................. 35
Моҳи поки осмон ............................................ 36
Боғи бобо .................................................... 37
Нағмаи дутор ................................................ 38
Ахтари ман ................................................... 39
Ёди диёр ...................................................... 40
Оромгоҳи Бедил ............................................. 41
Рубоӣ ......................................................... 41
Дубайтиҳо .................................................... 42

**Саидбег Саидӣ**

**МОҲИ ХАТЛОН**
***(Маҷмӯаи шеърҳо)***

Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *А. Камолов*

Ба матбаа 09.01.2013 супорида шуд.
Чопаш 15.01.2013 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 5,5.
Андозаи 60x84 1/16. Адади нашр 1000 нусха.
Супориши № 06/13

Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг»-и
Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а